Иқтибос
аз қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 04 марти 2024 №02 ш.Душанбе

«Дар бораи татбиқи банди 108 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ҷиҳати доир намудани ҳимояи такрории диссертатсияҳо»

Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиати довталабони дарёфти дараҷаҳои илмиро ҷиҳати доир намудани ҳимояи такрории диссертатсияҳо тибқи муқаррароти банди 113 Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва банди 108 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, № 295) баррасӣ намуда,

ҚАРОР КАРД:

1. Ба раисони шуроҳои диссертатсионии назди муассисаҳои давлатии илмӣ, таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ дастур дода мешавад, ки ҳангоми баррасии дисертатсияҳо барои дарёфти дараҷаҳои илмии номзади илм, доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос ва доктори илм талаботи банди 113 Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва банди 108 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, № 295) риоя намоянд.

2. Ба шуроҳои диссертатсионӣ иҷозат дода мешавад, ки дар сурати аз ҷониби Комиссия бекор намудани қарори шуроҳои диссертатсионӣ оид ба додани дараҷаи илмӣ ва ба ҳимояи такрорӣ баргардонидани диссертатсияҳо ҳангоми ошкор шудани далели вайронкунии расмиёт дар таъйин кардани муқарризони расмӣ, муассисаи пешбар ва гузаронидани раванди ҳимояи диссертатсия, ки онҳоро банди 108 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ муқаррар намудааст, ҳимояи такрории диссертатсияҳоро пас аз се (3) моҳ (бе муроҷиати иловагӣ ба Комиссия) бо риояи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа доир намоянд.

3. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Шарифзода М. вогузор карда шавад.

Раис Давлатзода С.Х.

Саркотиби илмӣ Маъруфӣ Р.